Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ яке аз масъалаҳои калидии мамлакат ва минтақаҳои он дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат, бо нархҳои дастрас ва саноат бо ашёи хоми кишоварзӣ буда, робитаи устуворро миёни молистеҳсолкунандагони соҳа ва молистеъмолкунандагонро барқарор менамояд. Соҳаи кишоварзӣ на танҳо соҳаи иқтисодӣ, балки омили ҷойгиршавии аҳолии кишвар дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин замина фарҳанги маънавӣ, рӯҳияи миллӣ, хотираҳои таърихии халқ шакл мегиранд. Дар бахши кишоварзӣ ба монанди дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ қонуниятҳои муайяни иқтисодӣ амалӣ гардида, ин қонуниятҳо дар асоси хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ ислоҳоти зарурира дар бахши аграрии кишвар роҳандозӣ намудааст. Комплекси агросаноатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба шумор рафта, омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ мебошад.

Муаллиф ироз намудааст, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф, зарурияти мукаммалгардонии алоқаҳои байниминтақавии озуқаворӣ ва ашёи хом тавассути махсусгардонии минтақавии он бо назардошти шароитҳои табиӣ, ки барои истеҳсоли баъзе

намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мусоид мебошанд ва аз тарафи дигар, аз ҳисоби истифодаи манбаъҳои худтаъминкунии минтақаҳо ба вуҷуд меоянд, баррасӣ намудани масъалаи мазкур аҳамияти аввалидарачаро касб менамоянд.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои муваффақ шудан дар роҳи раҳо намудани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон аз камбизоатӣ ва таъмини онҳо бо маҳсулоти баландсифат дар ин замина таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар дар сатҳи ҷаҳон муҳим дониста мешавад. Соҳаи озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар мамлакатҳои дунё ба хатару монеаҳои гуногун, аз ҷумла ҷунбиши демографӣ, тағйирёбии иқлим, маҳдудияти захираҳои табиӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Дар вазъи бавуҷудомада тавассути васеъсозии заминҳои кишт, сермаҳсулгардонии заминҳои кишоварзӣ (обёрӣ, оҳакандозии заминҳо, таъмин намудан бо нуриҳои минералӣ ва ғайра), истифодаи методу усулҳои инноватсионӣ, ҳифзи табиат, омӯзиш ва татбиқи сохтори иқтисодиёти кишварҳои тараққикарда, қабул ва татбиқи стратегияҳои рушди мамлакат ва гузаронидани чораҳо оиди ислоҳоти аграрӣ таъмини минбаъдаи бехатарии озуқаворӣи мамлакат мусоидат менамояд.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас нишон дода шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ барраси карда шудааст. Инчунин вазъи муосири рушди соҳаҳои танзими комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзии мамлакат таҳлил карда шудааст. Ба муаллиф муяссар гаштааст, ки як қатор тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф корҳои муайян ба анҷом расонида шудааст, ки онҳоро аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ бо мақсади таъмини рушди корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасад. *Муаллиф дар боби сеюм таҳлили инфрасохтори интегралии дастгирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод*

*намудааст, аммо дар автореферт ба таври ҷиддӣ ва дақиқ таҳлили омилӣ ба роҳ монда нашудааст.*

Умуман, камбудиҳои ошкоргардида ба муҳтавои кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад. Аз автореферат бармеояд, ки кори диссертатсионӣ кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Аз ин рӯ, кори илмии пешниҳоднамудаи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии танзими комплекси агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» ба талаботҳои Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Дотори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Низомова Т.Д.

Имзои д.и.и., профессор Т. Д. Низомоваро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корхои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

13-06.23